# ҶАВОНОН – НЕРУИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА


ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 5-6 (185-186) 16-УМИ МАЙИ СОЛИ 2023, СЕШАНБЕ







Ҷавонони мо ҳамчун ояндаи давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии давлату Ҳукумати мамлакат дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ мебошанд.

Ҷавонони мо бояд ба масъалаҳои омӯхтани таърихи пурғановати миллати тоҷик, осори гаронбаҳои гузаштагони халқамон, пос доштани забони давлатӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, арҷ гузоштан ба рамзҳои давлатӣ ва арзишҳои милливу фарҳангӣ, рушди қобилияти эҷодӣ ва густариши эҳсоси худогоҳиву худшиносӣ эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд ва дар ин самтҳо ташаббускор бошанд.

Ватанро сидқан ва самимона дӯст доштан, бо он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расидан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҳар қадоми шумо – ҷавонон бояд ин арзишҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳед.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:


МУКОФОТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ с. 2

САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ТУРКМАНИСТОН с. 3

ЭЪТИРОФИ ТАШАББУСҲОИ БЕНАЗИРИ ПЕШВОИ ТОҶИКОН с. 5

ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – МАХЗАНИ ИЛМУ МАЪРИФАТ ВА ТАРБИЯИ НАСЛИ ВАТАНДӮСТ с. 7

ҲИФЗИ ВАТАН – ВАЗИФАИ МУҚАДДАСИ ШАҲРВАНД с. 9

НАҚЛИЁТИ БАРҚӢ: ҶАНБАҲОИ ЭКОЛОГӢ-ҲУҚУҚИИ ОН с. 12

ЗЕБИ ДУНЁӢ, ДУШАНБЕ! с. 16

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
Некрӯз САФАРЗОДА
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.** муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва аќоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# МУКОФОТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Санаи 3 майи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари давлатӣ вориди шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон шуданд. Пешвои миллатро дар фурудгоҳи байналмилалии Нурсултон Назарбоев бо нишони эҳтироми баланд Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев гарму самимӣ истиқбол гирифта, дар шаҳри Остона мулокоти сарони давлатҳо дар сатҳи олӣ баргузор гардид. Изҳори итминон карда шуд, ки натиҷаҳои ин сафар, мулокоту музокироти сатҳи олӣ ва бастаи нави санадҳои ҳамкории имзошаванда барои таъмини муносибатҳои шарикию стратегии Тоҷикистону Қазоқистон заминаи навро фароҳам меорад.

Санаи 4 майи соли 2023 бошад, дар шаҳри Остона дар кароргоҳи Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Акорда маросими бо ордени Ҷумҳурии Қазоқистон «Алтин Қирон» сарфароз гардонидани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон мухтарам Қосим-Жомарт Токаев зимни супоридани мукофот саҳм ва хизматҳои шоёни Пешвои миллатро дар таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманди Тоҷикистон ва Қазоқистон, ки имрӯзҳо дар чорчӯби шарикии стратегӣ муваффақона рушд мёбанд, таъкид карданд.

Мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар навбати худ, аз ин иқдоми олии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон изҳори сипос намуда, онро қабл аз ҳама, ба тамоми мардуми Тоҷикистон мансуб донистанд.

# ИФТИТОҲИ ОСОРХОНАИ ФАКУЛТЕТ

Санаи 14 апрели соли 2023 бо дастгирии роҳбарияти ДМТ ва ташаббуси садорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ дар пояи факултети ҳуқуқшиносӣ Осорхонаи зебою бархаво ба истифода дода шуд. Дар ифтитоҳи Осорхонаи факултет ректори ДМТ, д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва ҳайати устодону кормандони факултет иштирок намуданд.

Зимнан таъкид шуд, ки дар он дастовардҳои факултет дар тули солҳои фаъолияташ ҷамъоварӣ шудаанд. Инчунин, дар осорхона таҷҳизоти муосир барои баргузории дарсҳои маҷозӣ (онлайнӣ), видеоконференсияҳо ва дигар чорабиниҳо насб шудааст, ки он имконият медиҳанд, омӯзгорону донишҷӯёни факултет ба таври маҷозӣ дар озмуну олимпиада, конференсияву семинарҳои байналмилалӣ иштирок намоянд.

Ёдрас мешавем, ки осорхона аз гӯшаҳои гуногун, аз ҷумла гӯшаи Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, деканони факултет, ёде аз таърих, дастовардҳои ҳаёти таълимӣ, ҳамкориҳо, дастовардҳои илмӣ, ҳаёти варзишии факултет иборат мебошад.







# ИШТИРОКИ УСТОДОН ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ





Санаи 20 апрели соли 2023 дар толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ конференсияи байналмилалӣ (маҷозӣ) дар мавзуи «Масоили мубрами пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои иқтисодӣ ва коррупсионӣ, ки бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ содир мешаванд» баргузор гардид.

Дар конференсияи мазкур ҳайати садорат ва устодони факултети ҳуқуқшиносӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат, олимону донишмандони соҳа ширкат варзида, андешаҳои худро роҷеъ ба масъалаи баррасишаванда иброз намуданд. Аз ҷумла, устоди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муковимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ н.и.х. Сайфуллозода У.А. дар мавзуи «Сравнительно-правовой анализ законодательств государств-участников СНГ о борьбе с получением взятки как коррупционное преступление» баромад намуда, баъзе паҳлуҳои мавзуи баррасишавандаро мавриди таҳлил қарор доданд.



Ёдовар мешавем, ки дар конференсияи мазкур инчунин, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иштирок доштанд.

**Таҳияи Умед МУРОДЗОДА**

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ТУРКМАНИСТОН





Санаи 10 майи соли ҷорӣ Президенти Туркманистон мухтарам Сердар Бердимухаммедов бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд. Маросими истиқболи расмии мехмони олимақом дар назди Қасри миллат баргузор гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Туркманистон мухтарам Сердар Бердимухаммедовро гарму самимӣ истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи ифтихорӣ даъват карданд.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ду кишвар, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми мехмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон, шиносоӣ бо хайатҳои расмии ду ҷониб чараён гирифта, бо қадамзании мутантан гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони ду давлат анҷом ёфт.

Ҳамчунин, тибқи муқаррароти расмии маросими истиқболи сафарҳои давлатӣ ба ифтихори ташрифи Президенти Туркманистон аз тупхонаҳо 21 маротиба шиллик паронда шуд.

http://www.president.tj

# 30 СОЛИ РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКМАНИСТОН



Хайём РАҶАБЗОДА
муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Муносибатҳои сиёсӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон ҳамчун ду давлати мустақил 27 январи соли 1993 бо имзои Протокол «Дар бораи баркарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон» замина пайдо намуд ва акнун дар соли 2023 ин созиши дӯстӣ 30 шуд. Тайи ин солҳо, ҳамкории Тоҷикистон ва Туркманистон ба таври фаъол рушд ёфта, имрӯзҳо бемайлон мустаҳкам мегардад.

Аз моҳи феврали соли 1995 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ашқобод ва аз 26 июни соли 1999 Сафорати Туркманистон дар Душанбе ба фаъолият шуруъ карданд. Заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро беш аз 115 санад ташкил медиҳад, ки соҳаҳои мухталифи ҳамкориҳоро ба танзим медароранд.

Робитаҳои сиёсӣ дар сатҳи олӣ ва баланд дорои ҳусни эътимод буда, ба дастгирии мутақобил асос меёбанд. Президентҳои ду кишвар борҳо сафарҳоро ба давлатҳои ҳамдигар анҷом додаанд. Аз ҷумла, 19-20 августи 2015, 1 октябри 2019 ва 6 августи 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Туркманистон сафари расмӣ анҷом додааст.

Шоистаи зикр аст, ки дар вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ собиқ Президенти Туркманистон мухтарам Гурбонгулӣ Бердимухаммадов бо Қарори муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барои хизматҳои шоиста дар рушди муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳкими сулҳу амният дар минтақа, пешбурди манфиатҳо ва ташаббусҳои муштараки кишварҳои минтақа дар арсаи байналмилалӣ нахустин мукофоти олӣ – “Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ”-ро дар вазъияти тантанавӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон тақдим намуданд.

Ҳамчунин, таърихи 12-уми майи соли 2022 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Рустами Эмомалӣ бо Президенти Туркманистон Сердар Бердимухамедов мулоқоти судмандро анҷом доданд. Дар мулокот маҷмуи доираи васеи масъалаҳои афзалиятноки ҳамкории Тоҷикистон ва Туркманистон, аз ҷумла, вазъи робитаҳои тиҷоратӣ, иқтисоди ва гуманитарӣ баррасӣ карда шуд. Дар ин раванд, кишвари Туркманистон батадриҷ ба яке аз шарикони пешбари иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил меёбад.

Дар ин росто, собиқ Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимухаммадов чандин маротиба ба мамлакати мо ташриф оварда, дар рафти ин сафарҳо созишномаҳои гуногунҷанба миёни ду кишвари дӯст ба тасвиб расидааст.

Ҳамакнун, санаи 10 майи соли ҷорӣ Президенти Туркманистон Сердар Бердимухаммедов бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард, ки нишони андешаҳои боло вобаста ба мустаҳкам гардидани пояҳои дӯстию бародари миёни ду кишвар аст.

Мутмаинем, ки бо такя ба иродаи неки тағйирнопазири ҷонибҳо муколамаи байнидавлатӣ ба таври анъанавӣ, дӯстона дар оянда низ мустаҳкам гардида, ба нафъи мардумони ду кишвари бо ҳам дӯст бомуваффақият рушд хоҳад ёфт.

# АФЗУДАНИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДИИ ДУ КИШВАРИ ДӮСТ

## (дар ҳошияи сафари кории Президенти Туркманистон ба Тоҷикистон)



Исмат ИСМАТЗОДА
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи байналхалқӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр сиёсати дарҳои бозро пеша намуда, дар асоси муқаррароти моддаи 11-и Коститутсияи хеш сиёсати сулҳҷӯёнаро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷии хешро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ бо зиёда аз 126 давлати дунё муносибатҳои дипломатӣ ва бо 130 давлат муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ баркарор намудааст.

Муносибатҳои сиёсию дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон ҳамчун ду давлати мустақил соли 1993 оғоз гардида, дар ин давом, санадҳои зиёди ҳамкорӣ ба тасвиб расидааст:

- Барномаи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон барои солҳои 2021-2023;
- Харитаи роҳ доир ба зиёд кардани ҳаҷми гардиши савдо барои солҳои 2022-2023 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон;
- Созишнома дар бораи таъсиси Шурои соҳибкорӣ миёни Палатаи савдо ва саноати ҶТ ва Палатаи савдо ва саноати Туркманистон;
- Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Туркманистон доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи истехсолот;
- Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Туркманистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёти роҳи оҳан;
- Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамлу нақл, транзити мол ва мусофирон;
- Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи интиқоли маҳсулоти нафтӣ ва газии моеи карбогидриди ва ғайра.

Дар натиҷаи татбиқи босамари санаду созишномаҳои имзошуда, ҳаҷми гардиши мол миёни ҳарду ду кишвар мунтазам тамоюл ба зиёдшавӣ дошта, соли 2021 беш аз 18,1 миллион долларо ташкил намуда, нисбат ба соли 2020 2,7 баробар зиёд мебошад.

Дар амал татбиқ намудани имкониятҳои мавҷуда ба афзоиши ҳаҷми гардиши мол ва рушди ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии ҳар ду кишвар таъсири ҳалкунанда хоҳад расонд. Тавре ки ба мо маълум аст, Президенти Ҷумҳурии Турманистон Сердар Бердимухамадов бо сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, дар доираи ин сафари расмӣ як қатор санаду созишномаҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расонида шуда, ки ба рушду густариши минбаъдаи ҳамкориҳо, аз ҷумла, дар самти иқтисодиву тиҷоратӣ, тавассути боз ҳам фаъол гардонидани Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркманистон доир ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ мусоидат хоҳад кард.

# ЭКСТРЕМИЗМ – ОМИЛИ АСОСИИ ПАЙДОИШ ВА ШИДДАТ ГИРИФТАНИ БЕТАРАФӢ НИСБАТ БА АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ



**Парвон МИРЗОЗОДА**
**декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

Дар замони муосир яке аз намудҳои кирдорҳое, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатҳо хавфи ҷиддӣ ба миён меоваранд, ин амалҳои хусусияти экстремистидошта буда, дар шароити кунунӣ мубориза бар зидди онҳо хусусияти байналмиллалӣ гирифтааст. Аммо ба муқовимати ҳамаҷониба нигоҳ накарда, дар замони ҳозира ин намуди кирдорҳо ҳамоно зиёд шуда истодаанд.

Вобаста ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 20 апрели соли 2012 таъкид карданд, ки «мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хататбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. ҶТ чун яке аз узви ҷомеаи байналмиллалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ миёни давлатҳои дигар, оид ба мубориза бар зидди экстремизм уҳдадориҳо дорад, ки онҳо мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми ҷаҳонии мубориза бар зидди экстремизм муайян мекунанд.

Мувофиқи моддаи 8 Конститутсияи ҶТ таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Ҳамчунин, афзудани шумораи ҷиноятҳои иҷрои амалҳое (кирдорҳое) мебошанд, ки барои иҷрои мақсадҳои зерин равона карда шудаанд:

а) ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва халалдор сохтани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) зарар расонидан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) ғасб ё тасарруфи салоҳияти ваколатҳои ҳокимият;

г) ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ;

д) амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ;

е) ангезонидани муноқишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин муноқишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст;

ж) паст задани шаъни миллӣ;

з) ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва харобкорӣ бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё бо сабабҳои бадбинӣ ё душманӣ нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ;

и) ташвиқоти ягона будан, бартарӣ доштан ё номукаммалии шаҳрвандон бо хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо;

к) даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбаршуда;

л) маблағгузорӣ ба фаъолияти мазкур ё расонидани кумак барои амалӣ гаштани он, ҷудо кардани манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ, алоқаҳои телефонӣ, факсӣ, хизматрасонии иттилоотӣ, дигар воситаҳои моддӣ-техникӣ барои амалӣ шудани ин фаъолият.

Дар асоси қонуни фавқуззикр, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ва паҳн кардани маводҳои чопӣ, аудио ва аудиовизуалӣ ва дигар маводҳое, ки амалан як аломати дар ин модда пешбинишуда дошта бошанд, манъ карда мешавад. Ба ин маводҳо мансубанд:

а) маводҳои расмии манъшудаи ташкилотҳои экстремистӣ.

б) маводҳое, ки муаллифашон шахсони мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ барои ҷиноятҳои зидди сулҳ ва инсоният маҳкум шудаанд ва аломатҳои экстремистӣ доранд.

в) дигар маводҳо, аз ҷумла маводҳои беимзо, ки аломатҳои экстремистӣ доранд.

Нуқтаҳои назари баёншуда ва меъёрҳои муқарраршудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)»-ро мавриди таҳлил қарор дода, чунин натиҷагириро дар хусуси моҳияти экстремизм ба даст овардан имконпазир аст.

Аввалан, экстремизм ин истифодаи шакли ифроти радикалии фаъолият мебошад, ки ҳам дар шакли зуроварӣ ва ҳам бе зӯроварӣ амалӣ гардонида мешавад. Масалан, ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ, зарар расонидан ба амнияти мамлакат, ғасб ё тасарруфи салоҳияти ваколатҳои ҳокимият, ташкил



риду фурӯши одамон, муқовимат бо коррупсия ва дар маҷмуъ ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ самтҳои афзалиятноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ мебошанд». Ин аст, ки дар ҷумҳурӣ ҳама сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар мубориза бар зидди чунин намудҳои ҷиноятқориро самти афзалиятноки фаъолияти худ қарор дода, баҳри амалӣ гаштани дастуру супоришҳои Президенти мамлакат ва уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ дар роҳи мубориза бар зидди экстремизм, терроризм ва дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Пешвои миллат зимни суханронияшон дар мулоқот бо аҳли ҷомеаи шаҳрвандӣ 4 июли соли 2013 зикр намуданд, ки хурофот, таассуб, ифротгароӣ ва бесаводӣ ҷаҳолат ва торикист ва ба мардум танҳо бадбахтию сиёҳрӯзӣ меорад. Дар ин росто, бояд иброз намуд, ки таҷрибаи амалии кишварҳо нишон медиҳад, ки мудохилаи хориҷӣ бо истифода аз сатҳи пасти саводу фарҳанг ва маърифати дунявию динӣ, бетараф будан нисбат ба арзишҳои миллию динӣ дар замони муосир аз омилҳои асосии пайдоиш ва шиддат гирифтани ифротгароӣ гардидааст.

Аз ҷониби дигар, ҳар як давлати соҳибистиқлол сиёсати давлатии худро дар ин ё он самт муайян намуда, онро дар доираи қабул ва хусусияти экстремистидошта дар аксар давлатҳо, ки ба амнияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин давлатҳо таҳдид мекунад, зарурати қабули қонуни дахлдор дар бораи мубориза бо экстремизм, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)»-ро ба миён овард. Бинобар ин, 8 декабри соли 2003 қонуни номбурда қабул гардида, то андозае ҷараёни мубориза бар зидди экстремизиро ба танзим даровардa, натиҷаҳои мусбат низ ба даст оварда шуданд.

Мувофиқи моддаи 3-юми Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ мебошад. Ба экстремизм, инчунин, бетартибиҳои оммавӣ, ҳаракатҳои авбошӣ, вандализм, ки аз ангезаи идеологӣ, сиёсӣ, бадбинии нажодӣ, миллӣё динӣ нисбат ба ягон гурӯҳҳои иҷтимоӣ, маблағгузории фаъолияти экстремистӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Амали экстремистӣ бошад, фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ вобаста ба банақшагирӣ, ташкилкунӣ, тайёр кардан ва кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, истеҳсол ва паҳн намудани маводҳои экстремистӣ, бедор кардани бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ҳамчунин, бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати як гурӯҳи иҷтимоӣ.

Дуюм, моҳияти идеологии эктстремизм дар рад намудани ҳамгуна ақидаи мухолиф ба экстремизм, маҷбуран бор намудани назария ва ақидаҳои алоҳидаи экстремистӣ бар дигар шахсон барои дар амал татбиқ намудани онҳо тавассути тарзу усулҳои ифротӣ ифода меёбад.

Сеюм, агар экстремизмро аз нуқтаи назари илми ҳуқуқ таҳлил намоем, яке аз нишонаҳои он ин зидди ҳуқуқӣ будани он ба шумор меравад. Зидди ҳуқуқи будани амалҳои экстремистӣ маънои аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, маъмурӣ ё дигар соҳаҳои ҳуқуқ манъ намудани ифротгароиро дар назар дорад. Масалан, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои маҷбур кардан ба диндорӣ ё бединӣ, худопарастӣ ё бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ (м.85), барои манъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ (м.86), барои тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти мамнуъ, воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулотҳои чопии манъшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.374) ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ намудааст. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 3072 кирдорҳои дар моддаи 157, 158, 160, 185, 188, 237, 242, 243 Кодекси ҷиноятии пешбинишударо ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта эътироф намуда, барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар кардааст.

Чорум, субъекти фаъолияти экстремистӣ ҳам шахсони воқеъи ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ шуда метавонад. Масалан, мутобиқи м. 374 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти барангехтани хусусияти иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, миллӣ ва мазҳабӣ, таблиғи бераҳмӣ, зӯроварӣ фисқу фуҷур, ҳимояи терроризм ва экстремизм, ҳам шахсони ҷисмонӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Вобаста ба ин, ба зумраи шахсони ҳуқуқие, ки мавриди татбиқи ҷазои маъмурӣ қарор дода шуданашон мумкин аст, иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ, воситаи ахбори омма ва дигар ташкилотҳоро метавон номбар намуд.

Аз ин рӯ, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки вақтҳои охир хусусияти байналмилалӣ гирифтанд, бояд дар асоси тадбирҳои маҷмӯии умумидавлатии муқовимат анҷом дода шавад.




# ЭЪТИРОФИ ТАШАББУСҲОИ БЕНАЗИРИ ПЕШВОИ ТОҶИКОН

*Ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф менамояд, ки ташаббусҳои байналмилалии Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асри XXI барои аҳли башар ва таъмини ҳаёти арзандаи инсоният хизмат мекунанд. Чунончи, то ҳол панҷ ташаббуси ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, эълон намудани соли 2003 – Соли байналмилалии «Оби тоза», солҳои 2005 - 2015 Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”, соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028», соли 2025 – Соли байналмилатии ҳифзи пиряххо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ истиқболи гарм пайдо намудааст.*



Ҳамзамон муаммои тағйирёбии иқлим ва паёмадҳои он, бахусус, обшавии босуръати пиряххо аз масъалаҳои мубраме мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳон, аз ҷумла, Тоҷикистонро нигарон кардааст. Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба хатари тағйирёбии иқлим барои захираҳои об, аз ҷумла, пиряххо борҳо дар баромадҳои сатҳи байналмилалӣ маъруза намуда, таваҷҷуҳи аҳли сайёраро ба ин масъала ҷалб намудаанд.

Бо чунин назардошт ташаббуси панҷуми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ бо қабул гар-



**Қодиров НЕКРУЗ**
мудири кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

дидани Қатъномаи иҷлосияи 77-уми Маҷмаи умумии СММ оид ба “Соли 2025 – соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” дасгирӣ ёфт. Ҳамчунин тибқи қатъномаи мазкур санаи 21 мартро ҳамчун “Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо” муайян намуд.

Ҳадафҳои меҳварии ин ташаббусҳо рафъи мушкилоти глобалии сайёра, аз ҷумла, норасоии об ва пешгирӣ аз тағйирёбии иқлим аст, ки дар сурати беэтаваҷҷуҳӣ метавонанд фоҷеаҳои инсониро ба бор оранд. Аз сӯи дигар, аҳаммияти ибтикору ташаббусҳои Президенти кишварамон вобаста ба об дар он зоҳир мегарданд, ки пеш аз ҳама, ба таҳким ва танзими муносибатҳо дар ин соҳаи ҳаётан муҳим нигаронда шуда, як навъ назари навро дар истифодаи захираҳои об дар минтақа ва ҷаҳон ташвиқ менамоянд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор заминаи пойдор мегузоранд.

Дар чунин шароит ҷомеаи ҷаҳонӣ азму иродаи давлати моро дар заминаи ташаббусҳои созандаву некбинона, нигоҳи боэътимоду хайрхоҳона ба масоили глобалии муосир ва иштироки фаъол дар ҳалли онҳо эътироф мекунанд.

Бо ин мақсад, 22 марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷиикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари худ дар қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорки ИМА дар доираи чорабинии канории “Харитаи роҳ барои соли 2025: Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” иштирок ва суханронӣ намуд. Ин ҳамоиши байналмилалӣ бо мақсади мусоидат намудан ҷиҳати муайян сохтани назари ягона ва коркарди харита – роҳ барои соли 2025 ва таҳияи уҳдадории муштараки тарафҳо оид ба мавзуи ҳифзи пиряхҳо нигаронида шудааст. Бояд гуфт, ки ин чорабинӣ қадами нахустин дар роҳи татбиқи қатъномаи нави СММ оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо мебошад.

Зимни суханронӣ Пешвои муаззами миллат таъкид намуданд, ки тайи 50 соли охир дар Тоҷикистон аз як ҳазор пиряхҳои пурра обшуда, ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвар ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардид. Ин дар ҳолест, ки дар панҷ даҳсолаи охир нишондиҳандаи таъмини оби тоза ба сари ҳар нафар аҳолӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ 2,5 баробар ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ бошад, чор баробар коҳиш ёфтааст. Ҳамчунин, сарвари давлат дар ин чорабинӣ ба масъалаи обшавии пиряхҳои Арктика ва Антарктида, ки боиси баландшавии сатҳи уқёнус гардида, ба ҳаёт ва некӯаҳволии садҳо миллион сокинони замин таҳдид менамояд, изҳори назар намуд.

Дар ин ҳошия зикр гардид, ки ҳадафи пешниҳоди эълони Соли ҳифзи пиряхҳо ин ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъалаи мубрам ва муттаҳид сохтани саъю талошҳои барои андешидани тадбирҳои қатъӣ ҷиҳати коҳиш додани ин раванд, устувор сохтани ҷомеа ва иқтисоди кишвар ба таъсири он мебошад.

Ҳамчунин, 22 марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷиикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси оби СММ дар ИМА дар чорабинии канорӣ “Табдили институтҳои иқтисодии глобалӣ ба манфиати умум: даъват барои бедоршавӣ аз ҷониби Комиссияи глобалӣ оид ба иқтисодиёти об”, ки аз ҷониби ҳамраиси конфронс Подшоҳи Нидерланд баргузор гардида буд, иштирок намуд. Дар чорабинии мазкур сиёсигардонии масъалаи об ҳамчун мавзуи муҳимму мубрам таъкид гардид ва бо назардошти он такмили сиёсат ва тарҳрезии стратегияву барномаҳои рушд тадбирҳои муассир арзёбӣ гардид.

Дар баробари ин, санаи 23 марти соли 2023 Сарвари мамлакат дар ҳошияи “Конфронси оби СММ-2023» дар шаҳри Ню-Йорки ИМА бо Раиси Иҷлосияи 77-уми Маҷмаи Умумии СММ Чаба Кароши мулоқот намуд. Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои марбут ба ҳамкории Тоҷикистон бо СММ ва ниҳодҳои он баррасӣ гардиданд. Таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои пешбарандаи рӯзномаи обу иқлим маҳсуб ёфта, пайваста барои ташвиқу таблиғи дуруст ва истифодаи оқилонаи ин манбаи барои инсоният ҳаётан муҳим кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Бо назардошти ин, метавон гуфт, ки дар замони муосир кишварҳои ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ташаббусҳои фарогир ва нақшгузорӣ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ эътироф менамоянд. Ва дар ин самт Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз сиёсатмадорони фаъоли ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.



**Хуршед Қодиркулов**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ

# БОЗДИДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АЗ ПАРАДИ НИЗОМӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ҒАЛАБА





Санаи 9 майи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба ҷашни 78-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия боздид намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Қасри Кремл Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин истиқбол гирифтанд.

Дар маркази асосии баргузории чорабиниҳои тантанавӣ – Майдони Сурх паради низомӣ баргузор гардид, ки дар он теъдоди зиёди низомиён ва техникаи низомӣ иштирок карданд.

Баъди анҷоми расми паради низомӣ дар Майдони Сурх Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарони давлатҳои дигар кишварҳои иштирокчии чорабиниҳои тантанавӣ дар назди ёдгории аскари номаълум гулчанбар гузошта, хотираи қурбониёни ҷанги харобиовари солҳои 1941-1945-ро гиромӣ доштанд.

## ХИДМАТҲОИ ФИДОКОРОНАИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Халқи шарифи Тоҷикистон дар баробари дигар халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ талошу хидматҳои бузургу фидокорона намуданд, ки бешубҳа яке аз омилҳои асосии ғалаба бар фашизм ба ҳисоб меравад.

Тавре ки маълум аст, Олмони фашистӣ санаи 22 июни соли 1941 аҳдшиканона ва бе эълони ҷанг бо қувваи бузурги ҳарбӣ ба хоки собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳуҷум намуд. Ин ҳуҷуми ноҷавонмардона ва нобаҳангом иродаи кулли мардуми шуравиро мустаҳкам намуда, бахри ҳимоя ва ҳифзи ватани хеш сарҷамъона талошу ғайрати диловарона нишон доданд.

Аз рӯзҳои аввали ҶБВ сафарбаркунии ҷавонмардон аз тамоми ҷумҳуриҳои Шуравӣ шуруъ гардид. Ҳазорҳо ҷавонписарони халқи тоҷик аризаи ихтиёран ба ҷанг рафтанро доштанд. Дар набардҳои шадиди ҷанг 300 ҳазор тоҷикистонӣ ширкат намуда, далерию қаҳрамонӣ нишон доданд ва қариб 100 ҳазор аз ин фиристодагон дар майдони ҷанг қаҳрамонона ба ҳалокат расиданд.



Азимҷон ҶУРАЕВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ

Аз фиристодагони Тоҷикистон 58 ҳазор нафар бо медалу мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардиданд. Инчунин, 54 нафари дигар бошад, ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ сазовор шуданд, ки номи эшон дар саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик абадан сабт гардидааст.

Дар баробари ҳазорон фидоиёни Ватан, қаҳрамониҳои Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Боқӣ Раҳимзода, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Ҳаким Карим, Лутфулло Бузургзода ва дигарон, ки ҳам бо яроқ ва ҳам бо нӯги қалам ҷангидаанд, то ки насли ояндаро аз ҷанголи фашистони бадгуҳар наҷот диҳанд.

Меҳнату заҳмати фидокоронаи халқи тоҷик дар ақибгоҳ низ яке аз омилҳои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: «Саҳми халқи тоҷик дар таъмини ғалаба ва дар ақибгоҳ хеле назаррас буд. Агар дар солҳои ҷанг ақибгоҳи мустаҳкаму тавоно намебуд ва фидокориву саҳми шабонарӯзии заҳматкашон намешуд, ҳаргиз чунин ғалабаи бузург таъмин намегардид».

Дар ин асно, саноати ҷумҳурӣ пурра дар солҳои ҷанг ба шароити ҷанг мутобиқ карда шуда буд. Аз рӯзҳои аввали ҷанг саноати хӯрокворӣ, дӯзандагӣ, коркарди метал, истеҳсоли метал, спирт ва ғайра ба саноати ҳарбӣ тобеъ карда шуд. То ки кори ақибгоҳ дуруст ба роҳ монда шавад. Ёрии халқи тоҷик аз ақибгоҳ дар шакли лавозимоти ҷангӣ, хӯрока, либос ва дастгирии руҳиявӣ буд. Аслан меҳнаткашони тоҷикро дар ақибгоҳ занону наврасон ва пиронсолон ташкил менамуд ва онҳо бо шиори “Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба” содиқона меҳнат менамуданд.

Ҳеҷ гоҳ талошу хидматҳои фидокоронаи халқи тоҷик дар роҳи расидан ба Ғалаба дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳон фаромӯш набояд шавад.

Имсол, мардуми шарифи Тоҷикистон дар фазои сулҳу ваҳдати миллӣ санаи 9 май 78-умин солгарди Ғалаба бар фашизмро таҷлил намуданд. Таҷлили санаи мазкур аз эҳтиром ба руҳи гузаштагон ва ёде аз қаҳрамонони Ватан аст.






## ЗАЩИТА РОДИНЫ – СВЯЩЕННЫЙ ДОЛГ КАЖДОГО ГРАЖДАНИНА

Вооружённые силы Республики Таджикистан, предназначенные для защиты его суверенитета и территориальной целостности в случае агрессии и войны. Верховным Главнокомандующим Вооружёнными Силами Таджикистана является Президент Республики Таджикистан.

Деятельность и достижения армии страны в течение 30 лет после её создания можно назвать плодотворным результатом деятельности самоотверженных сыновей нации по сохранению и защите каждой пяди и каждого уголка земли нашей Родины.

Защита Родины, охрана интересов государства, укрепление его независимости, безопасности и оборонной мощи – священный долг гражданина.

Отрадно отметить, что 29 апреля 2023 года с юридического факультета, добровольно отправилось на военскую службу 225 студентов, что является подтверждением того, что студенты юридического факультета являются патриотами и готовы защищать Родину. Это должно служить примером для подрастающего поколения нашего вуза.



Саломиддин ШАРАПОВ
студент 2-го курса

Каждый гражданин, любящий свою родину должен добровольно, вступить в ряды вооружённых сил РТ. Чтобы в случае необходимости он мог смело встать на защиту своей родины и бросить вызов всему, что угрожает целостности нашей страны!

*«Бовар дорам, ки мардуми шарифу сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар ва қавииродаву заҳматдӯсти мо аз уҳдаи иҷрои ҳама гуна амалҳои нек ва бартараф намудани тамоми мушкилот мебароянд, Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо ва пешрафта мегардонанд ва барои зиндагии аз имрӯза беҳтар шароит фароҳам меоваранд».*

*Эмомалӣ Раҳмон*






# ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – МАХЗАНИ ИЛМУ МАЪРИФАТ ВА ТАРБИЯИ НАСЛИ ВАТАНДӮСТ

**(дар заминаи сафарбарии донишҷӯёни факултет ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат)**

**Исроил САЛОМОВ**
**муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

Ватандӯстӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан ифода меёбад. Дигар унсурҳои тарбия бо ин унсур иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба Ватани хеш дар назар дорад.

Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ҷузъи муҳимми сиёсати имрӯзаи давлат ва Ҳукумати мамлакатро ташкил дода, зери таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Вобаста ба ин, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид иброз медоранд: “Фаромӯш набояд кард, ки танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад».

Воқеан, ҷузъи тарбияи ватандӯстӣ ин тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Дар зери мафҳуми тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ ин маҷмуи тадбирҳо, ки бахри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи мубориозони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст.

Агар ба муқаррароти моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар андозем, дар он ҳимоя ва ҳифзи Ватан, арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлату ҷомеа, инчунин, тарбияи ҳарбию ватандӯстии шаҳрвандон пешбинӣ гардидааст. Аз ин муқаррароти конститутсионӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шаҳрванд бармеояд, ки ин ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият ва иқтидори мудофиавии мамлакат ба ҳисоб меравад. Ҳар як шаҳрванди кишвар, дар назди Модар – Ватан мувазааф аст, ки рисолати аслии шаҳрвандии хешро адо намояд.

**Дар баробари Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 24 декабри соли 2022 аз ҷониби Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба имзо расид, ки Қонуни мазкур барои тарбияи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи хизмати содиқонаву софдилона ба Ватани маҳбуб, ифтихор аз нобиғаҳои миллати куҳанбунёд, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатӣ, талошҳо бахри фардои ободу дурахшони мамлакати соҳибистиқлол ва некуаҳволии халқи кишвар таҳия ва қабул шудааст. Ин қонун аз 5 боб ва 20 модда таркиб ёфтааст.**

Дар баробари санадҳои зикршуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки моҳияти асосии онҳо баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва эҳтироми арзишҳои таърихӣ дар ботини ҳар як шаҳрванд махсуб меёбад. Аз қабили, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими хувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 ва 2023-2027», Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва ғайра.

Ҳамин тавр, иброз намудан мумкин аст, ки бо татбиқи сиёсати бобарори Пешвои муаззами миллат ва самаранокии ин санадҳои муҳимми давлатдорӣ, имконияти тарбия ва парвариши насли обутобёфтаву баркамол, солиму созанда, соҳибони ғояҳои ватандӯстиву соҳибдавлатӣ, фарзандони шоистаи замон, меросбарони бошарафи сарзамини фарзонагон ба даст меояд.

Дар ин раванд, баланд бардоштани тафаккури ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакат, ташаккули дарки ҳимояи Ватан ҳамчун макони муқаддас, омодагӣ ба хизмати Ватан-Модар, тарбияи ифтихор аз мансубият ба халқу миллати хеш, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва эҳтироми хотираи мубориозон дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда вазифаи пуршарафи омӯзгорон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон махсуб ёфта, ҳар як устоди факултет талоши онро меварзад, ки дар роҳи расидан ба ин мақсадҳои наҷиб ва татбиқи босамари сиёсати инсондӯстонаи Пешвои миллат нақшгузор бошад.

Ҳамин аст, ки чун анъана, ҳамасола донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баъди хатми донишгоҳ ба таври дастҷамъӣ ва бо хоҳишу иродаи озоди хеш, барои анҷом додани рисолати имониву виҷдонии хеш ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат пайваста, қарзи фарзандии хешро дар ин ҷода ба сомон мерасонанд.

**Бояд иброз дошт, ки соли қаблӣ зиёда аз 150 хатмкардаи факултети ҳуқуқшиносӣ бо хоҳишу иродаи озоди худ ба хизмати Модар – Ватан сафарбар гардиданд. Натиҷаи муваффақи тарғиботи ватандӯстона миёни хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносӣ буд, ки соли ҷорӣ дар марҳилаи аввали сафарбарии шаҳрвандон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат санаи 29-уми апрели соли 2023 зиёда аз 225 нафар донишҷӯёни факултет ба хизмати ҳарбӣ гусел гардиданд.**

Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамткунандагони факултети ҳуқуқшиносӣ бахри иҷрои рисолати шаҳрвандии худ дар назди ҷомеа масъулияти ҷиддӣ эҳсос намуда, аз сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шароитҳои муҳайёнамудаи роҳбарияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шукргузорӣ намуда, доимо омодагии худро бахри ҳифз ва гиромидошти арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар изҳор менамоянд.

Мо итминони комил дорем, ки ҷавонони муваффақи замони Истиқлоли давлатӣ дар амалигардонии ҳадафҳои стратегии кишвар ва ҳифзи сулҳу суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти ҳамешагии Тоҷикистони маҳбубамон бо дасту дили пок нақши мондагор мегузоранд.

# ҶАМЪБАСТИ ҲАФТАИ ИЛМ ДАР ФАКУЛТЕТ









Ҳамасола, дар Донишоҳи миллии Тоҷикистон дар доираи «ҳафтаи илм» Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёну магистрантон ДМТ баргузор мегардад. Конференсияи мазкур, ба як қатор ҷашн ва чорабиниҳои муҳимми давлатӣ рост омад, аз он ҷумла, «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «145-солагии бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ», «Соли 2023 – Соли забони русӣ» ва «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо».

Конференсия кори худро аз 20-ум то 27-уми апрели соли 2023 идома дод. Мувофиқи барнома дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар 11 бахш аз 188 маърузаи аз тарафи устодону кормандон пешниҳод ва шунида шуд.

Дар конференсияи имсола масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқӣ, ба монанди проблемаҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ҳокимияти судӣ дар ҶТ; шакли шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳлили мафҳум ва намудҳои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ; иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҶТ; асосҳои конститутсионии таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили ҳуқуқӣ-назариявӣ ва ғайраҳо баррасӣ карда шудаанд.



Дар конференсияи донишҷӯёну магистратон мувофиқи барнома дар 11 бахш 306 маърузаи донишҷӯён шунида шуд. Берун аз нақшаи барнома 35 нафар дар конференсия маъруза карданд.

Аз таклифу пешниҳодҳои дар боло зикргардида маълум мегардад, ки олимони факултет пайваста дар пайи омӯзиш ва таҳқиқот қарор доранд ва ин боиси пешрафти илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳам такмили қонунгузорӣ дар кишвар мегардад.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИРОВ**

# ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ МУБОРАК!

Хурсандибахш аст, ки давра ба давра, шумораи устодони унвондор дар факултети ҳуқуқшиносӣ меафзоянд. Ҳолати мазкур боиси мукаммал гардидан ва ба миён омадани махзани илмӣ дар факултет гардида, ба ин васила, факултет имконият пайдо менамояд, ки дар пешрафти илми мамлакат саҳгузор шуда, барои татбиқи сиёсати Пешвои миллат дар соҳаи илм камари ҳиммат бандад.

Дар ин асно, санаи 25 апрели соли 2023 устоди факултет Камолзода Илҳом Икром рисолаи доктории худро дар мавзуи «Нормативные правовые акты в системе источников права Республики Таджикистан: проблемы теории и практики», санаи 6 майи соли 2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Исозода Парвиз Асадулло рисолаи номзадиро зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек ва му-







шовири илмӣ д.и.ҳ., профессор Диноршоҳ Азиз Мусо ва таърихи 11 майи соли ҷорӣ Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович рисолаи доктириро дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» сарбаландона ҳимоя намуданд.

Садорати факултет, ҳайати нашрияи “Минбари ҳуқуқшинос”, устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет Камолзода И.И., Исозода П.А. ва Соибов З.М.-ро ба ин дастоварди назаррасашон самимона муборакбодӣ намуда, ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро баҳри пешбарии илми тоҷик таманно менамоянд.

# БА ҶОЙИ КОР ТАЪМИН КАРДАНИ ХАТМКУНАНДАГОНИ ФАКУЛТЕТ

Ҳамасола ҷиҳати тақсимоти хатмкунандагони Донишгоҳи миллӣ Комиссияи тақсимоти мутахассисони ҷавон таъсис дода шуда, дар ин самт вохӯриҳо доир мегардад. Зимни баргузории вохӯриҳо намояндагони сохторҳои гуногуни донишгоҳ ва хатмкунандагон иштирок намуда, дар самти фаъолияти минбаъдаи хатмкунандагон машварат гузаронида мешавад.

Санаи 12 майи соли 2023 дар толори калони Шаҳраки донишҷӯён миёни хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносии



донишгоҳ тақсимоти хатмкунандагон ба ҷойи кор баргузор гардид. Нахуст декани факултети ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., дотсент Мирзозода П.З. меҳмононро барои пазируфтани даъват ба ДМТ изҳори сипос намуда, қайд намуданд, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун боргоҳи илму маърифат барои омода намудани кадрҳои болаёқати соҳаи ҳуқуқ нақши арзанда дорад.

Сипас, тибқи талаботи муқарраргардида, хатмкунандагони факултет, ки донандаи забонҳои гуногуни хориҷӣ ва номзад ба гирифтани дипломи аъло ва муқаррарӣ мебошанд, ба ҳозирин муаррифӣ гардида, барои ба кор ҷалб шудани онҳо дар мақомоти гуногуни давлатӣ роҳхат дода шуд. Дар ҷамъомад ниҳодҳои гуногуни кишвар, аз қабили Суди Конститутсионии ҶТ, Суди Олии



Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии ҶТ, Прокуратураи Генералии ҶТ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Академияи ВКД, Вазорати адлия, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва дигар мақомоту идораҳои давлатӣ иштирок намуданд.

Дар охир, дар самти ба ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон ва рушд бахшидани ҳамкориҳои илмию таълимӣ андешаҳои судманд сурат гирифт.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**





# ВАТАН – ДАР ҲИМОЯИ ҶАВОНМАРДОН



Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолият вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд маҳсуб ёфта, амалӣ кардани ин рисолати бузурги шаҳрвандӣ аз тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон вобастагии зиёд дорад. Махсусан, агар насли ҷавон дар ин рӯҳия парварида шавад, дар ботини мардум воқеан, ҳисси эътимоду боварӣ ба миён меояд, ки қишреро ба воя расонидаанд, ки дар ҳама шароиту вазъият барои ҳифз ва ҳимояи Ватан ҷон медиҳанд. Зеро бо мураккабшавии фазои ҷаҳонӣ мушкилоти ҳифзи истиқлолияти миллӣ дар давлатҳои рӯ ба рушд ба вуҷуд меоянд.

Вобаста ба ин масъала, дар суханронии худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 29-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 23-юми феврали соли 2022 зикр намуда буданд, ки: “Бо дарназардошти вазъи мураккабу пешгӯинашавандаи минтақа ва ҷаҳони имрӯза ва торафт шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла, терроризму ифротгарой, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, ҳамчунин, дастрасии гуруҳҳои террористӣ ба яроқу аслиҳаи муосир, Ҳукумати мамлакат барои баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ ва




тақвият бахшидани иқтидори мудофиавии кишварамон тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст”.

Баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санаи 29-уми апрели соли 2023 дар Шаҳраки донишҷӯён чорабинии тантанавӣ бахшида ба гусели 230 нафар хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ ба хизмати ҳарбӣ баргузор гардид.

Ба ин муносибат дар Шаҳраки донишҷӯён ва дар толори калони донишгоҳ бо иштироки намояндагони сохторҳои ҳукуматӣ, роҳбарияти донишгоҳ, роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва падару модарони донишҷӯён чорабинии тантанавӣ баргузор шуд.

Дар чорабинии гусели наваскарон ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х., муовини аввал, муовини ректори донишгоҳ оид ба таълим, профессор Собирзода Н.М., декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З., сардори Раёсати ташкили сафарбарии ситоди генералии ҚМ ҶТ Одиназода М., муовини сардори Раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ Шарифзода Ф., ёрдамчии прокурори ҳарбии гарнизони ш. Душанбе Абдуллозода С., сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Раҳимзода Ш. иштирок ва суханронӣ намуданд.

Бо ҳамин меҳри ватандӯстӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ, ҳисси эҳтиром ба Ватан-Модар ва бахшида ба Рӯзи ҷавонони кишвар санаи 16 майи соли 2023 дар қатори дигар ҷавонмардону муҳофизони Ватан боз 50 нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ тасмим гирифтанд, ки ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ҳамроҳ шаванд.

Ба фарзандони бо нангу номуси мамлакат ва муҳофизони содиқи Ватан дар ҷодаи ҳифзи ин сарзамин, обу хоки он, оромию суботи кишвар барору комёбиҳои беназирро таманно дорем.













# КОДЕКСИ МАДАНӢ –
## танзимкунандаи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ

**Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи муносибатҳои нави мадании муосир буда, ба рушди муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мусоидат менамояд ва фарогирандаи арзишҳои бунёдии ҳуқуқи хусусӣ ва ҳифзкунандаи ҳуқуқу манфиатҳои хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ буда, муътадилии муомилоти маданиро таъмин менамояд. Такмили қонунгузории маданӣ, аз ҷумла, қабули Кодекси маданӣ бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои пешбининамудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равона гардидааст.**




Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи арзишҳои бунёдии классикӣ ва муосир, ки ба тарзи анъанавӣ ба ҳуқуқи хусусӣ хос мебошанд, ташаккул ёфта истодааст. Шаҳодати ин дар таҳрири нав қабул гардидани Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи "Кодекси маданӣ" мебошад, ки ин рӯйдод марҳилаи сифати нави ташаккули қонунгузории маданӣ ба шумор меравад.

**Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 декабри соли 2022, №1918 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардида, 2 январи соли 2023 дар нашрияи Садои мардуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст.**

Сохтори Кодекси маданӣ аз 3 қисм, 9 фасл, 76 боб ва 1351 модда иборат аст. Дар асоси муқаррароти моддаи 1351 Кодекси маданӣ он аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад.

Қабули Кодекси маданӣ яке аз натиҷаҳои татбиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 дар қисмати танзими ҳуқуқи гражданӣ мебошад, зеро аксарият корҳои дар самти ҳамин Консепсия пешбинишуда амалӣ мегарданд. Масалан, мувофиқи банди 39 Консепсияи мазкур "дар қонунгузории гражданӣ ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ фасли мустақил ҷудо нашудааст, ки тавонад тамоми хусусиятҳои ин падидаро фаро гирад. Беҳтар аст агар ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як фасли алоҳида танзим гарданд". Қабули Кодекси маданӣ мушкилоти мазкурро бартараф менамояд, зеро фасли сеюми Кодекс (моддаҳои 225-254) ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро танзим намудааст.

Дар асоси банди 29 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 "бахри амалӣ намудани ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зарур аст, ки дар заминаи дастовардҳои илми ҳуқуқи гражданӣ ва хусусияти миллӣ касб намудани сиёсати ҳуқуқии гражданӣ бояд қонунгузории гражданӣ такмил дода шавад". Воқеан, қабули Кодекси маданӣ натиҷаи ин муқарарот аст, зеро он бо дар назар доштани дастовардҳои илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мамлакат қабул шудааст.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани танзими муносибатҳои нави хусусӣ, ба талаботи замони нав мутобиқ гардондани меъёрҳои амалкунанда, рушди соҳаи хусусӣ бо роҳи фароҳам овардани танзими шартномавӣ ва озодии муносибатҳои бозоргонӣ ва омилҳои дигар қабул гардидааст. Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон



Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ

қадами навбатӣ дар самти ислоҳоти қонунгузории соҳа ва ташаккули ҳуқуқи хусусӣ буда, тағйироти дахлдорро, ба монанди танзими падидаҳои нави ҳуқуқӣ, такмили падидаҳои мавҷуда, мукаммал намудани техникаи ҳуқуқӣ, хосатан риояи талаботи забонӣ (ба монанди иваз гардидани истилоҳи гражданӣ ба маданӣ, анъанаҳои муомилоти корӣ ба одатҳои муомилоти корӣ, ҳадя ба ҳадия, пудрат ба паймонкорӣ ва ғайра) ва услубӣ ба вуҷуд овардааст.

**Навгониҳои муҳимми Кодекси маданӣ ин танзими пурра ва мукаммали ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ (фасли 2), танзими баъзе шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, ба монанди шартномаи рента (боби 38), шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ (моддаҳои 739-746), шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу (моддаҳои 953-955), шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ (956-960), эскроу (боби 52), шартномаи агентӣ (боби 56), шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ (боби 60), шартномаи консессия (61) ва ғайра ба ҳисоб мераванд.**

Дар баробари ин, падидаҳои дигари ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла, қарори ташкилотҳо ҳамчун факти ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ (қисми 2 моддаи 7), қиморбозӣ ҳамчун асоси маҳдуд намудани қобилияти амаликунии шахсони воқеӣ (моддаи 31), хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ (моддаи 180), мафҳум ва намудҳои соҳибӣ (боби 17), ҳимояи соҳибӣ (боби 18), ба доираи танзими Кодекси маданӣ шомил гардиданд, ки онҳо ба воқеияти муосир мувофиқ буда, дар заминаи ба инобат гирифтани амлияи ҳуқуқтатбиққунии мамлакат ба вуҷуд омадаанд.

Бо падидаҳои нави ҳуқуқи мадании дар боло зикршуда навгониҳои Кодекси маданӣ ба итмом нарасида, дар тамоми қисматҳои он (дар муқоиса бо Кодекси гражданӣ) тағйирот, таҷдид ва илова ба назар мерасад, ки санади мазкур дар соҳаи ҳуқуқи мадании мамлакат боиси ислоҳоти назаррас гардид.

### ЗАРУРАТИ ҚАБУЛИ КОДЕКСИ МАДАНӢ

Зарурати дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси гражданӣ бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат рӯйи кор омадааст. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 апрели соли 2013 зикр намуданд, ки "бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки кодексҳои гражданӣ ва ҷиноятиро дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд". Минбаъд, бо мақсади таҳияи лоиҳаи Кодекси гражданӣ бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ ва кормандони илмӣ таъсис дода шуд.

Тибқи таълимоти назарияи ҳуқуқ зарурат ба қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ё такмили қонунгузорӣ ин талаботи объективии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба танзими ҳуқуқӣ мебошад. Доираи мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ фароҳ буда, ягон санади қонунгузорӣ имкони пурра танзим намудани онҳоро надорад, доираи мавзуи танзими соҳаи мазкур кушода мебошанд. Ин хусусияти муносибатҳои маданиро ба инобат гирифта, дар баробари санадҳои қонунгузорӣ, ду воситаи дигари танзими муносибатҳои маданӣ истифода мешаванд:

**А) ПРИНСИПИ УМУМИҶОИЗӢ. Дар муносибатҳои хусусӣ қоидаи "ҳамаи он чизе (амале)-ро, ки қонун манъ накардааст, иҷозат аст" амал менамояд. Масалан, тибқи моддаи 7 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ метавонанд дилхоҳ шартнома ва аҳди дигари дар қонунгузорӣ пешбининашудаи бо асосҳои умумию моҳияти қонунгузории маданӣ муҳолифнабударо банданд;**

**Б) ИСТИФОДАИ ҚИЁС. Истифодаи қиёс дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои дар қонунгузории маданӣ бевосита танзимнагардида, инчунин муносибатҳои нави бавуҷудомада ва мавриди танзим қарорнагирифта дар асоси меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои шабеҳ танзим гарданд. Ҳамзамон, тавассути воситаҳои зикршуда пурра танзим намудани муносибатҳои**



Яқуб ҲАКИМОВ
докторанти Ph.D

**нави маданӣ ғайриимкон аст, зеро ҳар як муносибати маданӣ хусусиятҳои хосро доро буда, бо меъёрҳои умумӣ танзими пурра ва бонизоми онҳо имконнопазир аст, аз ин рӯ, зарурат ба танзими ҳуқуқии тафриқавӣ, яъне тавассути меъёру қоидаҳои хос пайдо мегардад.**

Гувоҳи ин гуфтаҳо, шартномаи сохтмони ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ аст, ки якчанд соли охир дар мамлакат рушд карда, мушкилот ва мураккабиҳои муайянро ба вуҷуд овард, аммо нообаста аз бастани чунин шартнома дар асоси меъёрҳои умумии қонунгузории маданӣ, ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳои ин шартнома, хосатан ҳиссагузорон поймол гардид, яъне бо қоидаҳои умумӣ танзим намудани ин муносибат натиҷаи дилхоҳ надод. Бо ҳамин назардошт, масъалаҳои ба шартномаи мазкур алоқаманд дар боби 60 Кодекси маданӣ танзим шуданд.

Ш.К.Ғаюрзода истифода нашудани имкониятҳои забони давлатӣ дар матни меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ба забони илми ҳуқуқшиносӣ табдил додани он, ба ҳам мутобиқ набудани матни тоҷикӣ ва русии Кодекси гражданӣ, ҷой доштани номутобиқатии дохилии қонунгузории гражданӣ ва масъалаҳои нави аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" бавуҷудомадаро яке аз омилҳои таҳрири нави Кодекси гражданӣ медонад (Ғаюрзода Ш.К. Нақши Истиқлолияти давлатӣ дар таҳрири нави Кодекси гражданӣ. Минбари ҳуқуқшинос. №7-8 (169-170). – С. 4).

**(Давом дорад)**

# ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РӮҲИЯИ ВАТАНДӮСТИЮ ВАТАНПАРАСТӢ



Умед МУРОДЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон рукни асосии сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакатро ташкил менамояд. Вобаста ба ин, бевосита дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати тақвияти ҳимоя ва ҳифзи Ватан, арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлату ҷомеа муқарраrot пешбинӣ гардидааст.

Ватандӯстӣ асоси устувории давлат буда, ҳамчун захираи дохилии сафарбаркунандаи рушди ҷомеа, мавкеи фаъоли шаҳрвандии шахсият, омодагии ӯ ба хизмат ба манфиати Ватан баромад мекунад. Тарбияи ватандӯстӣ ҷараёни тарбияи ҳис намудани масъулият барои сарнавишти кишвар, тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии худ, инкишофи пурраи қобилияти худ барои ноил шудан ба комёбӣ дар ҳаёт мебошад. Воқеан, тарбияи ватанпарастии насли наврас яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва мубрами ҷомеа ба шумор меравад. Дарки ин мавзуъ, вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилот ва ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Бояд қайд кард, ки аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Ҳамин аст, ки Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи арзишҳои суннатию башарӣ, дӯст доштани Ватан, тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дорои эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вазифаи аввалиндараҷаи давлат, ҷомеа ва оила ҳисобида, пайваста дар ин бора роҳнамоӣ ва ҳидоят менамоянд.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он изҳори қаноатмандӣ намуданд, ки «Ҷавонони имрӯзаи тоҷик бо иродаи қавӣ ва шавқи баланд илму донишҳои муосирро меомӯзанд, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, давлат ва рушди кишвар саҳми фаъолона мегузоранд».

Сарвари давлат қайд намуданд, ки давлат ба ҷавонони кишвар ҳамчун як нерӯи фаъол, шуҷоъ, ташаббускор ва созанда умеди калон дорад ва дар раванди бунёди ҷомеаи демократӣ ва ободонӣ ба он такя хоҳад кард. Ҳамчунин, давлат ба масъалаи таълиму тарбияи наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои дар беҳтарин муассисаҳои таълимии кишвар ва хориҷи он таҳсил намудан, таҷрибаомӯзӣ, касбу ҳунарҳои замонавӣ касб намудани онҳо шароит фароҳам меорад.

Бояд зикр кард, ки масъалаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, бахусус, дар вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо кардани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, бегонапарастӣ, дахолати нерӯҳои бадхоҳ ба корҳои дохилии кишварҳои ҷаҳон, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, беш аз пеш муассир гардида, вусъат бахшидани кори тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва танзими ҳуқуқии он хеле зарурӣ ва сариваќтӣ мебошад.

Дар ин росто, санаи 24 декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» имзо гузоштанд. Қонуни мазкур барои тарбияи шаҳрвандон дар роҳи хизмати содиқонаву фидокорона ба Ватан, ифтихор аз ниёгон, арҷгузорӣ ба рамзҳои миллӣ ва ҷаҳду талошҳо баҳри фардои боз ҳам ободу дурахшони кишвар ва некуаҳволии рӯзафзуни халқ таҳия ва қабул шудааст.

Баробари ин, бояд қайд кард, ки дар шароити кунунии ҷаҳони тағйирёбанда ҷавонони кишвари мо низ ҳамчун қисми осебпазир аз равандҳои бегонашавӣ эмин набуда, тамоми шохаҳои ҳокимият дар баробари он эҳсоси масъулият мекунанд. Қабули ин қонун гувоҳи содиқи ин гуфтаҳост. Ин қонуни ҳаётан муҳим қабл аз ҳама, сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро муайян месозад.

Ҳамин тариқ, тарбияи ватанпарастии ҷавонон яке аз масъалаҳои мушкил ва муҳимтарин ва мубрами ҷомеа ба шумор рафта, муваффақшавӣ ба ҳадафҳои он ба омилҳои зиёд вобаста аст. Дарки онҳо на танҳо вазифаи сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди ватанпарасти кишвар ҳам мебошад.



Исломҷон ЗИЁВАДДИНОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ГУСТАРИШИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Дар шароити рушди давлатдории миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ барои дилхоҳ давлат, масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад, зеро барои давлатҳо дар вазъи кунунии ҷаҳони муосир бисёр муҳим аст, ки омилҳои заминасози Истиқлоли давлатии худро тақвият бахшида, имконоти мавҷудаи табиӣ ва инсониро барои рушди он фаррох истифода намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баробари касб намудани Истиқлоли давлатӣ таҳти сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти хоҷагии халқ ислоҳотҳои азимеро роҳандозӣ намуд. Дар раванди ҷунин ислоҳотҳо муайян намудани ҳаҷми муносибат бо ҷавонон тақозои замони муосир маҳсуб меёфт.

Новобаста аз вазъияти сиёсии солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар Пешвои миллат дар меҳвари сиёсати давлатдории худ ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи асосиро равона намуда, ҷавононро такягоҳи асосии давлату миллат эълон доштанд ва яке аз омилҳои асосӣ дар баробари дигар арзишҳо ба рушду тақвият бахшидан ба нерӯи захираҳои инсонӣ – ба ҷавонон мароқи бештар зоҳир намуда, сиёсати давлатии ҷавононро яке аз самтҳои афзалиятноки давлату ҳукумат арзёбӣ намуданд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004, №52 мафҳуми сиёсати давлатии ҷавонон оварда шудааст, ки ин - системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои ҷамъияти ҷавонон ва шаҳрвандон, бо мақсади таъмини таълиму тарбия, ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи пурсамари иктидори онҳо ба манфиати ҷамъият таҳия ва татбиқ мегардад. Сиёсати давлатии ҷавонон дар воқеъ, яке аз бахшҳои асосии сиёсати давлат арзёбӣ мегардад ва он дар меҳвари сиёсатии давлатии Пешвои миллат ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Ғояи асосии сиёсатии давлатии ҷавонон ва амалишавии воқеии он дар ҷомеа аз дастгириву ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат маншаъ мегирад. Зеро Сарвари давлат ба ин қишри оиндасоз ва нерӯи бунёдкору созандаи онҳо пайваста такя менамоянд ва нисбат ба онҳо эътибори ҷиддӣ медиҳанд.

Яке аз иқдомотҳои наҷиби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ин дар он аст, ки соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки давлату ҳукумат арзёбӣ намуда, тамоми имконоти мавҷударо дар самти мазкур равона намудаанд. Вобаста ба ин зимни ирои Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми декабри соли 2021 чунин ибрoз намуданд: “Мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад”. Чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки маҳз ба хотири соҳибмаълумот гардидани ҷавонони мамлакат соҳаи маорифро соҳаи калидӣ барои рушди дилхоҳ муносибатҳои ҷамъиятӣ эълон доштанд, ки метавонад барои боз ҳам рушуду тақвиятбахшии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшад.

Дар Паёми имсолаи худ низ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дубора ишора намуданд, ки “бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобари ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад.”

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба ифтихори 30-юмин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи амиқи худро баён намуда, чунин ибрoз намуданд: “Мо бояд ба таълиму тарбияи фарзандонамон, яъне соҳибони ояндаи давлат ва миллат эътибори аввалиндараҷа диҳем, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, заҳматдӯстӣ, эҳтироми падару модар, калонсолон ва одобу ахлоқи ҳамидаи миллӣ тарбия кунем”.

Мо дар замоне ба сар мебарем, ки раванди бархӯрди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавӣ мебошад ва дар тазодҳои замони муосир ҳамон миллату халқияте истодагарӣ карда метавонад, ки ба наслҳои ояндасозӣ худ, аз ҷумла ба масъалаи таълиму тарбия, рушди ҷисмониву зеҳнии онҳо, чун аз ҳарвақта дида бештар мароқ зоҳир менамояд ва онҳоро дар рӯҳияи дӯст доштани ватану миллат, худогоҳиву худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан ба дастовардҳои таърихиву фарҳангии худ, забони модарӣ ва муқаддасоти миллӣ ба камол мерасонад.

Мо ҷавононро саодатманди ин сарзамини аҷдодӣ дар атрофи сиёсати бобарор ва бомароми Пешвои миллат ҷамъ омада, бовар мекунонем, ки дар ҳар лаҳзаву ҳар сонияи баҳри ҳифзу ҳимояи манфиатҳои Ватани хеш ҷоннисорӣ намуда, фарзандони содиқи ин сарзамин то абад хоҳем монд.

# НАҚЛИЁТИ БАРҚӢ:
## ҶАНБАҲОИ ЭКОЛОГӢ-ҲУҚУҚИИ ОН





Фазлиддин ШАРИФЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, дотсент

**Дар низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз ҷумлаи дастоварди нави техникӣ ва технологӣ дар шароити кунунӣ истеҳсол ва содироти нақлиёти барқӣ (электромобилҳо, электробусҳо, троллейбусҳо) махсуб мегардад. Ин намуди воситаи нақлиёт аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз ҷиҳати иқтисодӣ камхарҷ мебошанд.**

Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки нақлиёт дар маҷмӯъ ҳамчун манбаи хатар чи дар илмҳои ҳуқуқӣ ва чи илмҳои экологӣ бо дарназардошти таъсироти баланду паст дар ҳар як давра қарор мегирад. Нақлиёт, на танҳо дар ҳуқуқи гражданӣ ба сифати манбаи хатари калон эътироф карда мешавад, балки фаъолияти он барои муҳити зист низ зарарнок буда, мумкин аст боиси оқибатҳои номусоид гардад.

Бозори нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, суръати пешрафти он суст арзёбӣ мегардад. Бояд зикр намуд, ки бевосита доир ба ташаккул ва рушди заминаҳои ҷорӣ гардидани истифодаи воситаи нақлиёти мазкур дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа намуданд, ки “бо мақсади ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардонидани иқтисоди миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат воридоти нақлиёти барқӣ ба кишвар, яъне электромобилҳо, электробусҳо, троллейбусҳо ва монанди инҳо аз пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ пурра озод карда шаванд”.

Чунин шакли пешбининамоии кафолатҳо дар самти воридоти воситаи нақлиёти барқӣ, яъне электромобилҳо, электробусҳо, троллейбусҳо ва монанди ин заминаи асосӣ ба рушди як бахши фаъолияти соҳибкорӣ, дар маҷмӯъ вобаста ба афзалиятҳои мусоид ба ташаккули хизматрасониҳои нақлиётӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Қобили зикр аст, ки истифодаи нақлиёти барқӣ энергияи баркро талаб мекунад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги манбаъҳои барқароршавандаи неру, аз қабили гидроэнергетика, неруи офтобӣ ва бодӣ мебошад, ки барои рушди парки нақлиёти барқии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва сарфаи сӯзишворӣ мувофиқ аст.

Айни замон 95% неруи барқ дар Тоҷикистон дар неругоҳҳои барқии обӣ истеҳсол мешавад. Ин нишондиҳанда аз нуқтаи назари саҳми минтақавӣ оид ба коҳиш додани партовҳои гази карбон ба атмосфера хеле муҳим аст.

**Бо зиёдшавии теъдоди воситаҳои нақлиёт суръати ифлосшавии фазои ҳавоӣ низ зиёд шуда истодааст. Аз ҷумла, дар соли 2000 ҳиссаи партовҳо аз манбаъҳои ҳаракаткунандаи ифлоссозанда зиёда аз 70%-ро ташкил медод, дар ҳоле, ки даҳ сол аз пештар на зиёда аз 45% буд. Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки «партовҳои умумии моддаҳои ифлоскунанда, ки аз воситаҳои нақлиёт ба ҳаво афканда мешаванд, 43,5 фисади ҳаҷми умумии партовҳоро дар кишвар ташкил медиҳанд».**

Санади меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳо дар соҳаи нақлиётро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунад, ин Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1689 мебошад. Кодекси мазкур як қатор талаботҳои экологиро нисбати истифодабарандагони нақлиёти автомобилӣ мукаррар намудааст. Аз ҷумла, дар қисми 1-и моддаи 9 талабот нисбат ба эътибори мусбати кори шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ фаъолияткунанда пешбинӣ гардидааст, ки яке аз талаботҳои асосӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист махсуб гардида, номгӯйии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ мукаррар менамояд, дохил мешаванд.

Инчунин, дар моддаи 17 Кодекси мазкур принсипҳои танзими давлатӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ пешбинӣ гардида, дар асоси сархати 2-и моддаи мазкур андешидани чораҳои афзалиятнок ҷиҳати таъмини бехатарии муҳити зист аз ҷониби давлат бевосита танзим гардидааст.

Аммо дар Кодекси мазкур меъёри мушаххас доир ба электромобил, ки як намуди воситаи нақлиёти автомобилӣ мебошад, пешбинӣ нагардидааст. Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 2- и Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи мафҳумҳои асосӣ – мафҳуми электромобил, дар шакли зерин ҷойгир карда шавад:

**“электромобил—намуди воситаи нақлиёти автомобилии чархдори механикии тавассути як ё якчанд муҳаррики барқии аз манбаи мустақили қувваи барқ ба ҳаракат даровардашавандае мебошад, ки барои интиқоли бор, мусофирон ва бағоҷ пешбинӣ шудааст.**

Дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои экологиро дар соҳаи нақлиёт танзим мекунад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» аз 25 июни соли 2021, № 1794 мебошад. Дар моддаи 34 Қонун мукаррар гардидааст, ки ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти роҳдорӣ талабот ва меъёрҳои бехатарии экологӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ бояд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳоро оид ба ҳифзи муҳити зист пешбинӣ намоянд.

Ҳамзамон тибқи моддаи 47 Қонуни мазкур бошад, яке аз уҳдадориҳои истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард маҳз ин ифлос накардани муҳити зист мебошад.

Вобаста ба ин, дар фаъолияти истеҳсолӣ, моддӣ, иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ҷорӣ намудани истифодаи васеи воситаҳои нақлиёти барқӣ бо дарназардошти таъсироти мусбат ба муҳити зист дар доираи риоя ва иҷрои муқаррароти пешбиникунандаи қонунгузорӣ равона мегардад.

Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера” аз 28 декабри соли 2012, №915 талабот гузоштааст, ки миқдори моддаҳои ифлосе, ки воситаҳои нақлиёт ба ҳаво хориҷ мекунанд, набояд аз меъёри ҳадди ҷоизи партовҳо зиёд бошад. Бояд қайд намуд, ки на танҳо истеҳсол, балки истифодаи воситаҳои нақлиёт, ки дар партови онҳо моддаҳои ифлос аз меъёри муқарраршуда зиёд аст, иҷозат дода намешавад.

Санади меъёрии махсуси батанзимдарорандаи муносибатҳо дар самти танзими ҳуқуқии ҳифзи муҳити зист аз таъсири зараровари партовҳои нақлиётӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини амнияти экологии нақлиёти автомобилӣ” аз 8 августи соли 2015, №1214 мебошад. Қонуни мазкур бевосита муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба таъмини амнияти экологии нақлиёти автомобилӣ, вазифа ва принсипҳои амнияти экологии нақлиёти автомобилӣ, идоракунӣ дар соҳаи амнияти экологии нақлиёти автомобилӣ, инчунин, назорати амнияти экологии нақлиёти автомобилиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

**Ҳамзамон, миёни мутахассисони соҳавӣ дар баробари ҷанбаи мусбати нақлиёти барқӣ, ки бештар мебошанд, инчунин вобаста ба ҷанбаҳои манфии он низ баҳсҳо ҷой доранд. Чунин муаммоҳо ҷой дорад, ки оё нақлиёти барқӣ воқеан аз ҷиҳати экологӣ безараранд ё ин ки ин тахминӣ аст?**

Ҷиҳати иҷрои ин, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2022, №532 Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028 қабул гардид. Мақсади қабули Барномаи мазкур, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардонидани он, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат, ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ва ғайра таҳия шудааст.

Ҳамчун ҷанбаҳои манфии нақлиёти, ки метавонад ба муҳити зист зарар расонад дар боби 5-уми барнома зикр гардидааст. Пешбинӣ мегардад, ки безараргардонии аккумуляторҳои литийионӣ раванди мураккаб ва хатарнок мебошад. Аккумуляторҳои литийионии истифодашуда ҳамчун синфи дуюми хатар тасниф карда мешаванд. Онҳо дорои унсури фаъоли литий буда, ҳангоми таъсири об метавонад дар ҳаво аланга гиранд. Аз ин рӯ, чунин аккумуляторҳо аксар вақт дар партовгоҳҳои гуногун ва ҳатто нуқтаҳои ҷамъоварии партовҳо оташ мегиранд. Дар сурати осеб дидани танаи муҳофизаткунандаи аккумуляторҳои литийионӣ, расиши кӯтоҳ бо ҳуруҷи гармӣ имконпазир аст, чунки сабаби таркиш мегардад.

**Яке аз тадбирҳое, ки ҷиҳати коркарди дубора ва безараргардонии аккумуляторҳои истифодашуда бояд амалӣ гардад, ин такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҷиҳати танзими қонунии раванди мазкур ба шумор меравад. Аз ин рӯ мувофиқи мақсад аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини амнияти экологии нақлиёти автомобилӣ” мафҳуми аккумуляторҳои литий-ионие, ки дар нақлиёти барқӣ истифода мешаванд ва ҷиҳати безараргардонии аккумуляторҳои истифодашуда меъёри махсус ворид карда шавад.**

Масъалаҳои болозикр аллакай дар таҷрибаи қонунгузории баъзе давлатҳои дунё дар шакли қонунҳои махсус, стратегия ва консепсияҳо танзим шудааст. Аз ҷумла, қонунҳои махсус дар ин соҳа ва стратегияҳои рушд ва гузариш ба ин навъи нақлиёт дар Ҷумҳуриҳои Норвегия барои давраи то соли 2025, Ҳиндустон то соли 2030, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса ва баъзе кишварҳои дигари Иттиҳоди Аврупо барои давраи то соли 2040 қабул гардидааст.

**Чуноне ки аз таҳлили асосҳои дар боло зикргардида муайян мегардад, яке аз омилҳои асосии рушди нақлиёти барқӣ дар кишвар такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ махсуб мегардад. Аз ин рӯ, бо мақсади рушди ин соҳа зарур аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шавад.**

Ҳамин тавр, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” метавонад ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, беҳсозии ҳифзи муҳити зист дар мамлакат ва ҳамзамон ташкили фазои созгори соҳибкорӣ мусоидат намояд.

# ПОЛИТИКО-ПРАВОВОЕ ЗНАЧЕНИЕ ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА



**Фируз САЙНОЗИМЗОДА**
к.ю.н., старший советник Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли РТ по законодательству и правам человека

Президент Республики Таджикистан занимает особое и решающее место в системе органов государственной власти страны, поскольку в соответствии с статьёй 64 Конституции РТ Президент страны одновременно является Главой государства и исполнительной власти (Правительство), гарантом Конституции и законов, прав и свобод человека и гражданина, национальной независимости, единства и территориальной целостности, преемственности и долговечности государства, согласованного функционирования и взаимодействия государственных органов, соблюдения международных договоров Таджикистана. Следовательно, сфера деятельности Президента Республики Таджикистан широка и охватывает все стороны жизни страны.

В Конституции Республики Таджикистан установлена форма правления президентской республики, а в четвертой главе определен правовой статус Президента Республики Таджикистан. Данный нормативный правовой акт страны предоставил право выступить на совместном заседании Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли РТ с Посланием «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» только Президенту Республики Таджикистан.

Следует отметит, что Послание Президента парламенту считается одним из важнейших институтов в современное время, и конституции большинства стран мира содержат соответствующие положения об этом политико-правовом институте. Институт Послание Президента парламенту впервые возник в Соединенных Штатах Америки. С принятием Конституции США в 1787 года в этой стране появились институты Президента и Послание Президента парламенту. В конституциях стран Содружества Независимых Государств, за исключением Азербайджанской Республики, закреплены нормы об институте Послание Президента народу и парламенту.

Институт Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» в Таджикском демократическом и правовом государстве возник в результате конституционной реформы 1999 года и внесением изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан на всенародном референдуме от 26 сентября 1999 года, в частности в статьях 55 и 69.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, в соответствии со своими конституционными полномочиями, на основании части третьей статьи 55 Конституции РТ впервые выступил с Посланием от 27 апреля 2000 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» на совместном заседании Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, высказал свое мнение о политической жизни общества, об экономических, социальных проблемах, о науке и образовании, культуре, верховенстве закона, правопорядке и борьбе с преступностью, внешней политике и в целом, о стратегических целях и прогнозах страны на ближайшие годы. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», состоявшееся 23 декабря 2022 года на совместном заседании Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, является 24 Посланием Президента страны.

Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» по своей сути охватывает экономические и социальные вопросы, науку и образование, развитие человеческого потенциала, совершенствование государственного управления и государственной службы, достижение стратегических целей страны, предпринимательство и инвестицию, здравоохранение, молодежную и женскую политику, развитие туризма, укрепление государственной независимости и национального единства и другие важные вопросы внутренней и внешней политики Таджикистана.

Послания Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» выступают как источник для принятия конституционных законов, кодексов, законов и внесения изменений и дополнений в действующие законодательные акты, нормативные правовые акты и правовые акты совместных заседаний Маджлиси милли и Маджлиси намояндагони Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, нормативные правовые акты и правовые акты Президента Республики Таджикистан, нормативные правовые акты и правовые акты Правительства Республики Таджикистан и внесение соответствующих изменений и дополнений в нормативные правовые акты Президента Республики Таджикистан и Правительства Республики Таджикистан, а также являются источником принятия нормативных правовых актов соответствующих государственных министерств и ведомств страны.

Роль посланий Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» как официального документа и политико-правового акта очень велика в повышении уровня и качества разработки и принятия законов и иных нормативных правовых актов, а также при внесении изменений и дополнений в законодательство Республики Таджикистан.

Следует отметить, что на основании указании и поручений и требований посланий Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» в области повышения качества законодательства, принимались законы Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» (от 26 марта 2009 года, 30 мая 2017 года), «Об антикоррупционной экспертизе нормативных правовых актов и проектов нормативных правовых актов» (от 28 декабря 2012 года), Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы (Указом Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 года) и другие нормативные правовые акты, на основе вышеперечисленных нормативных правовых актов и посланий Президента Республики Таджикистан была организована законотворческая деятельность субъектов права законодательной инициативы и субъектов правотворчества, что способствовало повышению качества законодательства в целом.

Существование института Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» за последние более двух десятков лет доказало, что оно необходимо в жизни страны, и каждый год славный народ Таджикистана с нетерпением ждет Послания Президента страны, поскольку они осознают, что каждое Послание, по сути, несёт благую весть для граждан и приближает их к светлому будущему.

Таким образом, Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» является официальным документом и политико-правовым актом, направленным на укрепление основ конституционного строя, защиту прав и свобод человека и гражданина, обеспечение верховенства закона, укрепление законности, правопорядка, повышение политической и правовой просвещённости граждан и создание условий достойной жизни для каждого человека в стране.

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ



**Муҳаммадкарим ШАРИПОВ**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

Яке аз он зуҳуроти манфие, ки сулҳу амният ва суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҷаҳонро зери хатар гузошта, баҳри мубориза муштарак ва беамон бурдан ба он водор месозад, ин терроризм ва экстремизм маҳсуб меёбад. Аз таҳлили қонунгузории ҶТ бармеояд, ки терроризм ин таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мегардад, мебошад.



Бо дарназардошти хавфу хатар ва ақидаҳои нодурусти чунин гурӯҳҳои экстремисмистию террористӣ, Пешвои миллат чунин таъкид медоранд: «Мутаассифона, дар олами ислом равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Ин ба моҳияти дини мубини Ислом мухолиф аст ва ба он иснод меорад». Андеша баён кардан мумкин аст, ки нақши Пешвои миллат дар самти муқовимат бо экстремизму терроризм бағоят бузург буда, суботу оромии мамлакат ва амнияти ҷомеаи мо аз ғамхорию ташаббусҳои Сарвари давлат бармеоянд.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи дигар кишварҳои ҷаҳон бо ин зуҳуроти номатлуб мубориза бурда, талош менамояд, то ки аз пайомади ногувори ин гуна амалҳо ҷилавгирӣ намояд. Вобаста ба ин ва баҳри татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки бо мақсади таъмини ҳифзи амният, шаҳрвандони он ва дигар шахсони дар қаламрави он қарордошта, аз таҳдиди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ, инчунин рафъи оқибатҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, равона гардидаанд:

**Конститутсияи ҶТ; Кодекси ҷиноятии ҶТ; Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба терроризм”; Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм”; Фармони Президенти Ҷумурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани мубориза бо терроризм”; Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003”; Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020”; Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ)”; Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғайра қабул гардиданд, ки барои муборизаи оштинопазир бурдан бо чунин зуҳуроти номатлуб мусоидат намуда истодаанд ва дар ин самт тадбирҳои иловагӣ низ роҳандозӣ гардида истодаанд.**

Ҳамин тариқ, дар баробари муқаррароти танзимкунандаи фаъолияти давлатӣ ва баҳри амалинамоии онҳо дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм фаъолияти якҷояи қишрҳои гуногуни ҷомеа талаб карда мешавад. Бинобар ин, ҳар як шаҳрванди кишварро мебояд Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсиро аз ҳар гуна хавфу хатарҳои гуногун, ба монанди тероризму экстремизм ҳифз намуда, ҷиҳати муборизаи муштарак ва беамон бурдан ба онҳо гомҳои устувор гузоранд.

# ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ – КИРДОРҲОИ МУҚОБИЛИ ОСОИШТАГИИ МАРДУМ



Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эътироф гардида, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро арзиши олӣ эътироф намуда, ҳамаҷониба онҳоро ҳифз менамояд ва муқовимат бар зидди терроризм, экстремизм ва пешгирӣ намудани ин ҷиноятҳоро яке аз вазифаҳои асосии худ мешуморад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 26 январи соли 2021 иброз доштанд, ки "Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем"

Бинбар ин, гуфтан мумкин аст, ки пешгирӣ ва муқовимат бар зидди терроризму экстремизм яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ва давлатӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҶТ пайваста талош меварзад, ки бо ин падидаи хатарзо тавассути фишангҳои ҳуқуқӣ муқовимат карда, монеи афзоиши чунин кирдорҳо дар ҷомеа гардад. Зеро таъмини оромии ҷомеа ва мардум вазифаи муқаддаси давлат арзёбӣ мегардад.

Тавре ки маълум аст, дар олами муосир хатари терроризм ва экстремизм яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеи ҷаҳонӣ низ маҳсуб меебад. Ин раванди номатлуб ҷомеаи башариро нигарон намуда, баҳри пешгирии омилҳои террористӣ тамоми, сабабҳо ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза зидди терроризмро пайдо хоҳанд намуд.

Аз ин рӯ, дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти терроризм яке аз ҷиноятҳои махсусан вазнин ба шумор меравад, ки дар дар диспазитсияи моддаи 179 Кодекси ҷиноятии ҶТ мафҳуми терроризм ба тарзи зайл пешбини гардидааст: «Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпаррони аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо». Муқаррароти мазкур дар самти пешгирии кирдорҳои террористӣ нақши бориз дошта, метавонад, дар амалишавии мақсадҳои қонунгузории ҷиноятӣ мадад расонад. Зеро дар санксияи моддаи зикршуда, ҷазои ниҳоятан вазнин, яъне якумра аз озодӣ маҳрум кардан ва ё ҷазои қатл пешбинӣ гардидааст. Муқаррар гардидани чунин меъёр дар Кодекси ҷиноятӣ ва пешбинӣ шудани ҷазои вазнин метавонад, ки майли содир кардани чунин амалҳоро дар ботини шахс аз байн барад.

Дар баробари ин, боиси тазаккур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеи ҷаҳони баҳри пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм як қаттор санадҳои меъери ҳуқуқиро ба тасвиб расонидааст, ба монади Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бар зидди терроризм»; «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм»; «Дар бораи амният»; «Дар бораи мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона», «Дар бораи муқовимат бар зидди экстремизм»; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021 «Дар бораи Стратегияи муқовимат баэкстремизм ва терроризм барои солҳои 2021 2025» ва ба монанди инҳо.

Дар ин радиф, барои маълумотнок гардидани шаҳрвандон ва огоҳ будан аз ҳизбу ҳаракатҳои мамнуи хусусияти эктсремистӣ ва террористидошта дар ҳудуди ҶТ бо Қарорҳои Суди Олии ҶТ аз 30 марти соли 2006 – ташкилоту ҳаракатҳои зерин ҳамчун ташкилотҳои террористӣ – экстремистӣ эътироф карда шудаанд, ки бояд ҳар як фарди ҷомеа аз онҳо бохабар бошад:

1. Ташкилоти "Ал-Қоида";
2. Ҳаркатӣ Исломии Туркистони Шарқӣ;
3. Ҳаркати Исломии Туркистон (собиқ Ҳаркати Исломии Узбекистон);
4. Ҳаркати Толибон;
5. Ташкилоти "Бародарони Мусалмонон";
6. Ташкилоти "Лашкари Тайиба";
7. Гуруҳи Исломӣ (Ҷамоати Исломии Покистон);
8. Ҷамъияти таблиғ;
9. Ташкилоти динии мисионерии "Созмони таблиғот" (Даъват ба Ислом);
10. Тоҷикистони озод;
11. "Ҳизб-ут-таҳрир"- бо ҳалномаи Суди Олии Ҷт аз 11 марти соли 2008 ташкилоти экстремистӣ эътироф шудааст;
12. "Салафия" – бо ҳалномаи Суди Олии ҶТ аз 08 декабри соли 2014 иттиҳодӣ экстремисти эътироф шудааст;
13. Ҷамоати "Ансоруллоҳ" – бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2012 ташкилоти террористӣ - экстремисти эътироф шудааст;
14. Ҷамъияти "Гуруҳи 24" – бо ҳалномаи Суди Олии ҶТ аз 09 октябри соли 2014 ташкилоти экстремистӣ эътироф шудааст;
15. Ташкилоти "Давлати Исломӣ" (Давлатӣ исломии Ироқу Шом) - бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 2015ташкилоти экстремистӣ - террористӣ эътироф шудааст;
16. Ташкилоти "Ҷабҳату – н – Нусра" - бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 2015 ташкилоти экстремистӣ - террористӣ эътироф шудааст;
17. Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон - бо ҳалномаи Суди Олии ҶТ аз 29 сентябри соли 2015 ташкилоти террористӣ - экстремистӣ эътироф шудааст;
18. Паймони миллии Тоҷикистон - бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2019 ташкилоти террористӣ - экстремистӣ эътироф шудааст.

Ҳамин тавр, ҳар як фарди ҷомеи имрӯзаро зарур аст, ки терроризм ва экстремизмро дар тамоми шаклҳо ва зуҳуроташ маҳкум карда, баҳри аз байн бурдани ин амалҳои номатлуб, ки ба амнити давлату миллат халал ворид месозад истодагӣ карда, ҳамеша ҳушериву зираки худро аз даст надода, бо ин амалҳои номатлуб муқовимат намоянд.

Дар кишвари соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон ба ҳеҷ гуна кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ ҷой нест.

**Тақдиршоҳ ШАРИПОВ**
**профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

**Шералӣ ХОЛИҚЗОДА**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

# МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМИ ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ



Яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат мавриди баррасӣ қарор гирифт, ин масъалаи муқовимати оштинопазир ва пайваста бо терроризму экстремизм ба ҳисоб меравад. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар баромадҳояшон дар сатҳи дохиливу байналмилалӣ иброз медоранд, ки терроризм ва экстремизм ҳамчун содир намудани амалҳои чапгаро ва таҳдидкунандаи хавфу хатар на танҳо барои давлати алоҳида, балки барои тамоми сокинони сайёра ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, аз тамоми давлатҳои ҷаҳон пайваста даъват ба амал меоранд, ки доир ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, тадбирҳои судманд ва ҳамкории густурдаи байналмилалиро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Маврид ба ёдоварист, ки терроризм ва экстремизм ҳамчун мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасон дар тамоми миқёси ҷаҳон ниҳоят рушд ёфта, хавфнокии баланди ҷамъиятӣ дорад ва барои бехатарии давлатҳо, минтақаҳои алоҳида ва дар маҷмуъ барои тамоми сокинони олам воқеан таҳдид менамояд.

Дар робита ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ иброз намуданд, ки "Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро ба ғояҳои тундгаройӣ гумроҳ месозанд". Дар тақвияти гуфтаҳои мазкур ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву комуникатсионӣ содир карда мешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис додани Маркази ягонаи иттилоотиро зарур шуморида, ба субъектҳои ваколатдор дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар баробари ба тасвиб расидани як қатор санадҳои дохилидавлатӣ ва ратификатсияву имплементатсияи санадҳои байналмилалӣ, кишвари мо дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм мизбони як қатор ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ буд. Яке аз ҳамин гуна ҳамоишҳои сатҳи баланд ин Раванди Душанбе ё худ Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат бо терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо" буд, ки 18-19 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои Конфронси мазкур "Дар Эъломияи Душанбе оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат бо терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо" танзими ҳуқуқии худро пайдо намуд, ки минбаъд онро метавон ҳамчун меъёрҳои мукаммал дар ин самт истифода намуд.

Дар умум, метавон иброз намуд, ки муқовимати оштинопазир бо терроризм ва экстремизм яке аз масъалаҳои мубрам ва қобили таваҷҷуҳ дар сиёсати дохилӣ ва берунии кишвари мо ба ҳисоб рафта, мубориза алайҳи он вазифаи тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

**Муҳаммад РАҲМОНЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, н.и.ҳ., дотсент**

# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ



**Шогун АМРЕНОВА**
н.и.ҳ. муаллимаи калони кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ

**Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки бадалшавии тадриҷии фазои ҷаҳонӣ ба минтақаи ягона ва баҳамназдикшавии қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ, ҳамгироии иқтисодӣ ва табодули байнифарҳангӣ ба мушоҳида мерасад, ҳифзи арзишҳои миллӣ, гиромидошти суннатҳои таърихан ташаккулёфта, мероси пурғановати миллӣ, эҳёи арзишҳои нуҳбагонии фарҳангӣ, баланд бардоштани худшиносии миллӣ пеш аз ҳама, дар саргаҳи масъулияти ҳар яки мо бояд қарор гирад, ки ҳамаи ин маҳз рабт дорад ба тарбияи ватандӯстии сокинони кишвар.**

Бо ин мақсад, асоси ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат қонуни нави миллӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба тасвиб расид.

Дар асоси Қонуни мазкур, тарбияи ватандӯстӣ яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вазифаи муқаддас ва рисолати мо дар назди давлат, Ватан ва ҷомеа ин аст, ки бо неруи ақлу заковат ва тадбирҳои самарабахш дар дили насли навраси имрӯза ҳамин эҳсоси самимии ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, садоқат ба Ватан, муҳаббат ба сарзамини аҷдодии худ, ҷасурӣ, шуҷоату далерӣ ва дарки воқеии шарафу нангу номусро, ҷо намоем.

Иброз намудан мумкин аст, ки ба сифати субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, оила, шаҳрвандон ва ғайраҳо баромад мекунанд. Аммо тарбияи ватандӯстӣ нахуст аз оила сарчашма мегирад. Падару модар дар таълиму тарбияи ватандӯстии фарзанд бояд масъулиятнок бошанд, пасон, дар муасссисаҳои таълимӣ омӯзгорон ва тарбиятдиҳандагон низ дар тарбияи ватандӯстии насли наврас вазифаи пурмасъулиятро бар дӯш доранд. Имруз ҳар як шаҳрвандро зарур аст, ки мафҳуми ватанро дуруст дарк намояд. Яъне «Ватан –Тоҷикистон, кишвари азизу маҳбуб барои ҳар шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба он ҳамчун шароити зарурии некуаҳволии худ медонад», шиори ҳамарӯзаи худ қарор диҳанд.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз муассисаҳои бонуфузи кишвар дар татбиқи Қонуни мазкур саҳми худро мегузорад. Дар факултаи ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби омӯзгорони ботаҷриба ҷиҳати таҳлилнамоии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» байни донишҷӯёни факултаи мазкур маҳфилҳо гузаронида шуда, маърузаҳои пурмуҳтаво иҷро гардиданд. Дар оянда бо як умеди нек мо устодони факултети ҳуқушиносии ДМТ дар тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавон кӯшиши зиёд ба харҷ дода, қонуни мазкурро бечунучаро иҷро менамоем.

Мо боварии комил дорем, ки дар даҳсолаи оянда ҷомеаи Тоҷикистон дар баланд бардоштани сатҳи ватандӯстии шаҳрвандони худ ба натиҷаҳои чашмрас ноил гашта, дар ботини шаҳрвандон ҳисси ватандӯстию худшиносии миллӣ дучанд афзун мегардад.



# ШАРТНОМАИ ҲАДИЯ



**Фаридун ТОШЕВ**
донишҷӯи соли 2

**Басти шартномаҳо дар муносибатҳои ҳуқуқи мадanӣ яке аз воситаҳои асосии ҳифзи субъектони ин муносибатҳо дониста мешавад. Имрӯзҳо дар ҷомеаи мутамаддин мафҳуми шартномаи ҳадия зиёд истифода гардида, дар моддаи 606 Кодекси мадании ҶТ яке аз шартномаҳои паҳншудатарин ба ҳисоб меравад. Шартномаи ҳадия созише эътироф карда мешавад, ки дар асоси он ҳадякунанда ашёро ба моликияти тарафи дигар – ҳадягиранда ба тариқи ройгон медиҳад.**

Фарқияти хоси шартномаи ҳадя аз дигар шартномаҳо дар он аст, ки он бемузд ба ҳисоб меравад. Шартномаи ҳадия шартномаи яктарафа, яъне ғайрисиналлагматикӣ буда, дар он ҳадякунанда дорои ҳуқуқ ва ҳадягиранда бошад, дорои уҳдадорӣ мебошад. Инчунин, яке аз хусусиятҳои фарқкунандааш дар он аст, ки дар дигар шартномаҳо аз ҷумла, шартномаи хариду фурӯш, шартномаи чакана, шартномаи кироя ва рента субъектон ҳам дорои ҳуқуқ ва ҳам уҳдадорӣ мебошанд. Ҳуқуқи ҳадякунанда ин ҳадя намудани объекти шартнома ба ҳадягиранда ва уҳдадории ҳадягиранда ин қабул кардани он мебошад.

Субъекти шартномаи ҳадия – хадиягиранда мебошад, ки ҳангоми бастани ин шартнома барои ӯ уҳдадориро ба вуҷуд меорад ва ӯ метавонад то бастани ин шартнома аз иҷрои қабули он даст кашад. Инчунин, шартномаи ҳадияе, ки дар шакли хаттӣ баста шудааст, метавонад бо аризаи даъвогии ҳадиякунанда дар чунин ҳолатҳо бекор карда шавад, агар ҳадиягиранда ба хаёти ҳадиядиҳанда таҷовуз намуда, ба муқобили аъзои оилаи ӯ суиқасд ва зарари ҷисмонӣ расонад. Ҳолати дигаре, ки тибқи шарти шартнома аз ҷониби суд бекор мегардад, ин зиёд умр дидани ҳадиякунанда, яъне ҳангоми фавти ҳадиягиранда ашё бозпас гардонида шуда, ба меросгирони он намегузарад.

# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маълум аст, ки таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ дар кишвари мо зери назорат ва диққати доимии Ҳукумати кишвар аст. Вале бо вуҷуди ин дастгирии ҳуқуқу манфиатҳои занону ҷавонон дар ин самт муаммоҳои ҳалталаб кам нестанд.

Таҷрибаи инсоният нишон медиҳад, ҷомеае, ки дар он институти оила мустаҳкам нест, ба нокомӣ ва мушкилоти зиёди иҷтимоӣ печида, дар ниҳоят хавфи аз байн рафтан низ ба он таҳдид мекунад. Ин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба устувории оила ва дар ин замина, ба бунёди ҷомеаи солим таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Аз ҷумла, масъалаи пош хӯрдани оилаҳои ҷавон, ки шумораи онҳо сол ба сол зиёд мегардад, ташвишовар мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин раванди номатлуб соли 2010 – 5818 ҳолат, соли 2011 – 6797 ҳолат, соли 2012 – 7608 ҳолат, соли 2013 – 8919 ҳолат ва соли 2020 – тахминан 10 000 ҳолатро ташкил дод. Сабаби ин ҳолат, пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона, мавҷудияти аломатҳои зӯроварӣ дар оила маҳсуб меёбад.

Дар даврони Истиқлолият ва дар заминаи Конститутсияи кишвар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-ҳуми ноябри соли 1998 № 683 қабул гардид, ки он аз 8 фасл 22 боб ва 178 модда иборат буд. Зарурати қабули Кодекси оиларо барҳам хурдани ИҶШС, кулан тағйир ёфтани муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, ба низоми қонунгузории миллӣ ворид гардидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, эътироф гардидани таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва гуногунандешии сиёсӣ ба миён овард.

Дар ин радиф, барои танзими муносибатҳои оилавӣ як қатор санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷумла, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи кафолати давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробарии амалигардонии онҳо», «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ғайра қабул шудаанд, ки мо бовар дорем, онҳо ҷиҳати танзими муносибатҳои оилавӣ мусоидат менамоянд.

Қабули санадҳои мазкур, дар рушди қонунгузории илавӣ саҳгузор буда, барои танзим ва ҳифзи муносибатҳои оилавӣ мусоидат менамояд.



**Ҳокимбек ТИЛЛОЕВ**
котиби маҷлиси судӣ дар Суди н. Фирдавсӣ

# ЗЕБИ ДУНЁӢ, ДУШАНБЕ!

Дар хиёбонҳои дилорои Душанбешаҳр қадам мезанаму аз давлати ободу осоишта, аз Ватани биҳиштосову мардуми сарбаландам меболам, ифтихор мекунам. Ба назарам Душанбе навҷавонеро мемонад, ки рӯз то рӯз сайқал меёбад, ба камол мерасад, зеботар мешавад.

Дар оғӯши ин шаҳри дилнишин ҷавонони сарбаланди диёрамон бо комронӣ кору фаъолият мекунанд.

Беҳтарин макон барои ман медонед куҷост? Манораи Эйфели Фаронса ё Биг Бэни Англия нест, балки Кохи Ваҳдати шаҳри Душанбе, пойтахти азизамон аст. Ҳар гоҳ ки аз назди Кохи Ваҳдат гузар мекунам, вуҷудамро ҳисси шодмониву ифтихор аз меҳани куҳанбунёду халқи асил ва давлати озодихоҳу ваҳдатшиорам фаро мегирад.

Душанбеи азиз, ки маркази маъмурии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад, дар оғӯши кӯҳсорон бо ташаббусҳои Раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ рӯз аз рӯз ободтару машҳуртар мегардад.



Бояд меҳану Ватани азиз, ба пойтахти гулгулшукуфон, ба заҳматҳову талошҳои мардуми асилу бонангу ори тоҷик арҷ гузорем. Пайваста пайи ободтару зеботар кардани пойтахти азизамон талош варзем. Душанберо ба нигини тамаддуну фарҳанги тоҷик табдил диҳем. Ватанамонро воқеан дӯст дорем. Ҳар рӯз беҳтар шудаву бо руҳияи қавӣ устуворона ояндаи дурахшон созем.



**Мирзоева ШУКРОНА**
**донишҷӯи соли 2**

# МУСОБИҚАИ ФУТБОЛИ ХУРД БАХШИДА БА РӮЗИ ҶАВОНОН



Санаи 10 майи соли 2023 бахшида ба Рӯзи ҷавонон – 23-юми май миёни устодону кормандони ДМТ мусобиқаи варзишӣ оид ба футболи хурд барои дарёфти «Ҷоми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» дар варзишгоҳи Шаҳраки донишҷӯён оғоз ёфт.

Дар мусобиқаи мазкур ректори донишгоҳ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва роҳбарони сохторҳои марбутаи донишгоҳ иштирок намуданд. Зимнан таъкид шуд, ки ҳадаф аз баргузории мусобиқаи мазкур, пеш аз ҳама, тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина таҳким бахшидани дӯстию рафоқат миёни устодону кормандони сохторҳои донишгоҳ мебошад.

Гуфта мешавад, ки дар мусобиқа дастаҳо аз ҳисоби устодону кормандони факултетҳои донишгоҳ ташкил шуда, он то охири моҳ идома ёфта, ғолибон ҳавасманд гардонида мешаванд.

Ёдовар мешавем, факултети ҳуқуқшиносиро дар мусобиқаи мазкур - даста аз ҳисоби устодону кормандони факултет муаррифӣ менамоянд.



# ПИРЯХҲО – НАҶОТБАХШИ САЙЁРА

Дар саҳифаи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол қабули қатъномаи нав дар маҷлиси 77-уми Маҷмааи умумии СММ оид ба “Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” бо саҳифаи нави таърихӣ бо хатҳои заррин навишта мешавад. Ин саҳифаи нави давлатдории таърихӣ бори дигар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускор дар соҳаи об ба ҷаҳониён муаррифӣ кард.

Пешвои миллат пиряххоро захираи асосии обӣ арзёбӣ карда, изҳор доштанд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад.

Мушкилоти таъмини об барои аҳолӣ сол то сол тезу тунд мегардад. Алҳол қариб 1 млрд. одамон дар дунё ба оби тозаи ошомиданӣ ва 2,6 млрд. нафар ба шароитҳои одитарини санитарӣ дастрасӣ надоранд.

Тоҷикистон маркази бузурги яхбандӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Пиряхҳои дар худуди он вокеъбуда, на фақат ғункунандаи захираҳои оби тоза, инчунин, танзимкунандаи оби дарёҳо ва иқлим мебошанд. Пиряхҳо ва барфҳои доимии Тоҷикистон манбаи асосии таъмини оби дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал буда, ҳаҷми умумии захираҳои обии дарёҳои ҳавзаи баҳри



**Дилноза БОБОЕВА**
**донишҷӯи соли 2**

Арал 110-120 $км^3$-ро ташкил мекунад.

Пиряхҳо асосан дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мутамарказ гардида, дар онҳо қариб 550 км куби оби тоза захира шуда, қариб нисфи ҳаҷми оби дарёҳои Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Пиряхи калонтарини Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ ин Федченко мебошад, ки дарозиаш ба 77 км, бараш то 3-4 км ва ғафсиаш зиёда 1 км-ро ташкил медиҳад.

Пиряхҳо наҷотбахши сайёра маҳсуб ёфта, ҳифзи онҳо метавонад боиси пешгирии хушксолӣ дар ҷаҳон гашта, ҷони ҳазорон нафар аз марг наҷот ёбад. Маконе, ки об дорад, дар он ҷой ободӣ, хуррамӣ, сарсабзӣ ва пешравию гулгулшукуфой пойбарҷост. Бинобар ин, ташаббусҳои Пешвои миллати мо дар ҳама маврид сариваќтӣ махсуб ёфта, ба хубӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ меёбад.